ТАКМИЛИ НИЗОМИ ОМОДАСОЗИИ КАДРҲОИ ИЛМӢ - ОМИЛИ МУҲИММИ РУШДИ ИЛМУ МАОРИФ

Дар партави дастуру ҳидоятҳои Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҷиҳати рушди илми ватанӣ, тарбияи олимони ҷавон, баланд бардоштани сифати таҳқиқоти илмӣ ва омодасозии кадрҳои баландихтисос 18 ноябри соли 2026 бо ташаббуси Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон хониши навбатии идоравӣ-сиёсӣ баргузор гардид. Хониши идоравӣ-сиёсиро директори Пажӯҳишгоҳ Сироҷиддин Ниёзӣ бо сухани ифтитоҳӣ оғоз намуд. Таъкид гардид, ки дастуру супоришҳои Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, ки зимни мулоқот бо аҳли илм ва маорифи кишвар 30 майи соли 2024 оид ба баланд бардоштани сифату самаранокии тарбияи кадрҳои илмӣ, ҷалби ҷавонони лаёқатманд ба фаъолияти таҳқиқотӣ ва тақвияти мактабҳои илмӣ баён гардида буданд, аҳаммияти махсус доранд. Дар қисмати илмии хониш Султонмамадова М., мудири шуъбаи омодасозии кадрҳои илмӣ ва илмӣ-педагогии Пажӯҳишгоҳ, дар мавзуи «Арзёбии сифати омодасозии кадрҳои сатҳи баланди илмӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» маърӯза намуд. Мавзуи пешниҳодшуда масъалаҳои меъёрҳои арзёбии сифати омодасозии муҳаққиқон, самаранокии фаъолияти илмӣ-таҳқиқотӣ ва талаботи муосир ба салоҳиятҳои касбии кадрҳои илмиро фаро гирифт. Сипас, Исмоилзода Зоҳира, ходими калони илмии шуъбаи мазкур, дар мавзуи «Самтҳои такмили низоми омодасозии кадрҳои сатҳи баланди илмӣ бо назардошти ниёзҳои стратегии кишвар» суханронӣ намуд. Дар доираи мавзуъ масъалаҳои такмили механизмҳои омодасозии кадрҳои илмӣ, муайян намудани самтҳои афзалиятноки таҳқиқот, рушди иқтидори илмии муассисаҳо ва таҳкими робитаи илм бо талаботи рушди иҷтимоию иқтисодии кишвар мавриди баррасӣ қарор гирифтанд. Мавзуъҳои хониш бо вазифаҳое, ки Пешвои миллат дар назди муассисаҳои илмӣ ва таҳсилоти олии касбӣ ҷиҳати баланд бардоштани сифати корҳои илмӣ, рушди мактабҳои илмӣ ва омодасозии муҳаққиқони ҷавон гузоштаанд, алоқамандии бевосита доранд. Баргузории хонишҳои идоравӣ-сиёсӣ дар Пажӯҳишгоҳ ба таҳкими фарҳанги илмӣ, такмили фаъолияти илмӣ-таҳқиқотӣ, баланд бардоштани масъулияти касбии муҳаққиқон дар самти рушди неруи зеҳнӣ ва илмии кишвар равона гардидааст.









